# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии унвонҷӯй Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи: «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Алимова Муборак Алимҷоновна факультети иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2006 бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст. Соли 2010 аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Вай фаъолияти меҳнатиашро аз мутахассиси пешбари шуъбаи иқтисодиёти Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Анзоб сар карда, баъдан дар вазифаҳои муовини сардори шуъбаи банақшагирии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Анзоб, сарнозири шуъбаи равобити хориҷии департаменти равобити хориҷӣ ва масоили иҷтимоӣ оид ба ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои байналмилалӣ, саромӯзгори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кор кардааст.

Аз соли 2021 то айни ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Ба сифати унвонҷӯй Алимова Муборак Алимҷоновна ҳамаи имтиҳонҳои номзадиашро супоридааст, Вай 16 корҳои илмиро тайёр карда нашр кардааст, аз ҷумла 9 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шуда, инчунин таҳқиқоти диссертатсиониашро тайёр кардааст. Диссертант худро ҳамчун таҳқиқотчии тахассуснок, бо тайёрии баланди назариявии доштааш дар соҳаи иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ ва донистани методҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, методология ва методикаи гузаронидани таҳқиқоти кори илмиро нишон дода тавонист.

Хизмати муаллифро ҳамчун таҳқиқотчӣ дар интихоби дурусти мавзуи муҳими таҳқиқоти илмии диссертатсияи номзадӣ эътироф кардан мумкин аст. Дар навбати худ хуб донистани проблемаҳои таҳқиқот ба муаллиф имконият дод, ки дар ҷараёни кори таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳолати рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунониро таҳлил намуда роҳҳои баландбардории фаъолияти

бозори хизматрасонии корхонаҳои соҳаро дар мисоли корхонаҳои хизматрасониҳои алоқаи мобилии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ асоснок намояд.

Алимова Муборак Алимҷоновна бисёр маводҳо ва маълумотҳои омориро оиди мавзуи таҳқиқотиаш ҷамъ оварда кор кардааст. Дар натиҷа муаллиф таҳқиқоти илмии муҳим ва саривақтиро иҷро карда кори диссертатсионии номзадиро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод намуд. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ҳангоми ҳаллӣ масъалаҳои иқтисодии мураккаб мустақилият ва боварии комил доштанро ба натиҷаҳои гирифта шуда нишон дод. Ин ба муаллиф имкон дод, ки бо хислатҳои баланди меҳнатдӯстӣ ва эҷодкории доштааш натиҷаҳои илмии шахсии муаллифиро соҳиб шавад, ки навигариҳои илмӣ доранд.

Дар рафти таҳқиқоти кори диссертатсияи илмии номзадӣ Алимова Муборак Алимҷоновна ба нишондодҳои роҳбари илмӣ ва гуфтаҳои дигар мутахассисон муносибати бодиққати эҷодкорона карда мувофиқан натиҷаҳои баланди илмиро соҳиб гаштааст. Вай кушиш кард, ки моҳияти масъалаҳои мавзуи таҳқиқотиро пурмаъно кушояд ва аз натиҷаҳои гирифта чандин маротиба дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва форумҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намояд.

Алимова Муборак Алимҷоновна ба сифати мутахассис дар коркард ва тайёр кардани барномаҳо ва дигар дастуру воситаҳои таълимӣ дар кафедра, факултет ва Донишгоҳи давлвтии тиҷорати Тоҷикистон фаъолона иштирок кардааст. Барои иштироки фаъолонаи меҳнатӣ ва дар корҳои ҷамъиятӣ вай аз тарафи роҳбарияти Донишгоҳи давлвтии тиҷорати Тоҷикистон қадршиносӣ карда шудааст ва сазовори ифтихорнома гардидааст.

Дар навиштани кори диссертатсионӣ муаллиф фаъолияти мустақилона ва муносибати эҷодкорона нишон дода тавонист. Кори диссертатсионии навишта тайёр кардаи Алимова Муборак Алимҷоновна дорои навигариҳои илмӣ мебошад.

Бо назардошти навиштаҳои боло ҳисоб кардан мумкин аст, ки Алимова Муборак Алимҷоновна мақсад ва вазифаҳои дар навиштани кори диссертатсионии илмии номзадии дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ҳал кардааст. Кори диссертатсионии вай мантиқан кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф мебошад, ки муносибатҳои нави иқтисодиро оиди асоснок кардани роҳҳои

баландбардории фаъолияти рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунониро дар мисоли корхонаҳои хизматрасониҳои алоқаи мобилии Тоҷикистон муайян кардааст.

Сохтор, мазмун ва сифати кори диссертатсионии мустақилона ба анҷом расонидаи унвонҷӯй Алимова Муборак Алимҷоновна ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ пурра ҷавобгӯй аст ва унвонҷӯй Алимова Муборак Алимҷоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**маркетинги соҳавӣ ва**
**байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 63/3, ДТТ.**
**Тел.: 234-09-07, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам**
**Мудири ШК ва КМ ДТТ** **Бухориев Н.А.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ